Замимаи №35 ба Сиёсати қарзи

«Дастони моҳир»

Маҳсулоти қарзии «**Дастони моҳир**» барои дастгирии занҳо, чавонон ва он шахсоне, ки дар соҳаи рушди ҳунарҳои мардуми ва сайёҳи ба аҳоли фаъолият мебаранд ва фаъолити онҳо дар қаламрави дар вилояти Суғд амали карда мешавад, равона карда шудааст.

| Маҳсулоти қарзи: | Дастони моҳир |
|---|---|
| Гуруҳи мақсаднок | Гуруҳи занҳо, чавонон ва ё соҳибкорзанҳои инфиродӣ, гуруҳи мардҳо ва шахсони инфироди то сини 65 сола, ки дар соҳаи рушди ҳунарҳои мардуми ва сайёҳи фаъолият мебаранд ва фаъолияти онҳо дар қаламрави вилояти Суғд амали карда мешавад. |
| Самтҳои афзалиятноки фаъолият. | • Рушди ҳунарҳои мардуми.<br>• Рушди соҳаи сайёҳи, ташкил намудани меҳмонхонаҳо ва мағозаҳо. |
| Мақсади қарз: | • Барои харидории таҷҳизотҳои истеҳсолӣ ва хизматрасони ва воситаҳо, ашёи хом барои истеҳсоли маҳсулотҳо. |
| Андозаи қарз: | то 8 000 сомонӣ барои карзхои гурухи; ва то 15000 сомони барои карзхои инфироди. |
| Мӯҳлати қарз: | то 18 моҳ |
| Таъминнокии қарз: | Бо воситаи замонати гуруҳӣ, маснуоти заргарӣ ва зомин барои қарзҳои инфироди. |
| Меъёри фоизии қарз: | 22 % солона. |
| Мӯҳлати имтиёзнок | То 4 моҳ. |
| Талаботи пардохткунии қарз: | Муфид, шартномавӣ, вобаста ба мавсими фурӯш ва ғ. |
| Мӯҳлати додани қарз: | Дар муддати 10 рӯз пас аз писандидани Комиссияи қарзӣ |
| Додани қарз: | Гузаронидан ба суратҳисоб ва ё аз хазина бо пули миллӣ |

<u>Тавсифи маҳсулоти қарзӣ – «Дастони моҳир»</u>

Маҳсулоти қарзии «**Дастони моҳир**» барои дастгирии занҳо, чавонон ва он шахсоне, ки дар соҳаи рушди ҳунарҳои мардуми ва сайёҳи ба аҳоли фаъолият мебаранд ва фаъолити онҳо дар қаламрави дар вилояти Суғд амали карда мешавад, равона карда шудааст.

<u>Макони амал:</u> макони амалишавии бизнес ва фаъолияти-мизоҷ вилояти Суғд.

<u>Маблағи қарз:</u> то 8 000 сомонӣ барои карзхои гурухи; ва то 15000 сомони барои карзхои инфироди.

Маблағи қарз барои мизоҷи муаян аз инҳо вобаста аст:

1. Бизнес-идеяҳои актуалӣ: амалӣ будани бизнес-идея, мувофиқи вазифа ва мақсадҳои пешниҳодкардашуда ва самтҳои афзалиятноки рушди минтақаҳои мақсаднок будан, даромаднокӣ ва асли будани бизнес-идея;
2. Доштани таърихи қарзи мусбии мизоҷ;

3. Доштани воситаҳои пулӣ ва сармояи мизоҷ, Саҳми мизоҷ дар бизнес, таҷрибаи кори доштан дар фаъолият;
4. Доштани таъминоти гарав (маснуоти заргарӣ), кафолати гурӯҳи ва зомин;
5. Надоштани қарз аз тарафи мизоҷ назди мақомоти фискалӣ ва андоз, надоштани қарз дар назди дигар ташкилотҳову бонкҳои қарздиҳанда ҳангоми гирифтани қарзи имтиёзнок.

__Фоиз:__ меъёри фоизии қарзи имтиёзнок 22%-и солонаро ташкил медиҳад.

__Комиссия:__ ҳангоми додани қарзи имтиёзнок дар маҳсулоти қарзии __«Дастони моҳир»__ Ҳақи хизматрасони дошта намешавад.

__Мӯҳлати қарз:__ Муҳлати қарз аз намуд ва самти бизнес-идея, аз қарори Комиссияи қарзии ФҚХ вобастагӣ дошта, аз 2 то 18 моҳро ташкил медиҳад.

__Давраи мавқуфгузорӣ:__ давраи мавқуфгузорӣ (имтиёзи), ин даврае, ки маблағи асосии қарз пардохт карда намешавад, барои маҳсулоти қарзии **«Дастони моҳир»** давраи мавқуфгузории максималӣ то 4 (чор) моҳ пешбинӣ шудааст, ки дар муддати ин давра қарзгир танҳо фоиз аз маблағи додашуда ё маблағи тавозуни қарзро пардохт менамояд. Мӯҳлат ва шарти давраи мавқуфгузорӣ аз Комиссияи қарзии Фонд вобастагӣ дорад.

__Ҷадвали пардохти қарз:__ вобаста аз намуди бизнеси мизоҷ, хислати истеҳсолот ва мавсими фурӯш. Пардохтҳои мизоҷ бо тарзи аннуитет, бо қисмҳои баробар, ё бо тарзи ҳисобкунии фоизҳо ба арзиши боқимондаи қарз амалӣ карда мешавад.

__Зоминҳо:__ Қарзҳо метавонанд бо зомин ва таъминнокии гарав ва кафолати гурӯҳи таъмин карда шаванд.